## ФАРМОИШИ
## ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «21» июли соли 2021 №1030 ш.Душанбе

Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, №438 «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» тибқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №145 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

5. Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» тасдиқ карда шавад (Замима мегардад).

6. Сардорони раёсат ва шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намоянд.

7. Сардорони раёсатҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (Қ.Муҳиддинзода), таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (Ҳ.Ализода), таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф.Ҳайдаров) фармоиши мазкурро дастраси сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимӣ гардонанд.

8. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир (Г.Ғанизода) гузошта шавад.

Асос: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2021, №438

Вазир М.Имомзода



Бо фармоиши
Вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 21 июли соли 2021, №1030
тасдиқ карда шуд

### Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалигардонии Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

| № | Чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Масъулин | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Омода намудани омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҷадвали 1) | 2021-2030 | Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ | |
| 2. | Омода намудани омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҷадвали 2) | 2021-2030 | Раёсати таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ | |
| 3. | Омода намудани мутахассисони соҳаи тарҷумонӣ аз забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҷадвали 3) | 2021-2030 | Раёсати таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ | |
| 4. | Омода намудани мутахассисони баландихтисоси дорои унвонҳои илмӣ аз рӯи ихтисосҳои забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҷадвали 3) | 2021-2030 | Раёсати илм ва инноватсия | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5. | Омода намудани мутахассисони баландпояи илмӣ дар соҳаи забоншиносии муосир бо назардошти дифои рисолаҳои диссертатсионӣ дар марказҳои илмии хориҷи кишвар (Ҷадвали 5) | 2021-2030 | Раёсати илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ | |
| 6. | Аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ | Ҳар се сол | Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | |
| 7. | Аз аттестатсия гузаронидани омӯзгорони забони русӣ ва англисӣ | Ҳар се сол | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ | |
| 8. | Таъмини муассисаҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳсилот бо шумораи зарурии кадрҳо бо мақсади ба таври ҳатмӣ ба роҳ мондани таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар зергурӯҳҳо | 2021-2030 | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус | |
| 9. | Таъйини иловапулӣ дар ҳаҷми 10% ба маоши амалкунандаи вазифавии омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | 2021-2030 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | |
| 10. | Бознигарии стандартҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳсилот аз забонҳои русӣ ва англисӣ бо дарназардошти таълим тавассути матнҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ-шунидан, нутқи шифоҳӣ, хондан ва навиштан | 2021-2030 | Пажуҳишгоҳи рушди маориф | |
| 11. | Зиёд намудани соатҳои таълимӣ аз забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | 2022 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | |
| 12. | Зиёд намудани соатҳои таълимӣ аз забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ | 2022 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | |
| 13. | Ба роҳ мондани таълими баъзе фанҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (бо нигаҳдошти асолати миллии маводи таълимӣ) дар мувофиқаи муассисаи таълимӣ бо падару модарон, хонандагону донишҷӯён тибқи талаботи қонун- | Доимӣ | Раёсат ва шубаҳои маориф ва муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | гузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | |
| 14. | Ба роҳ мондани таълими баъзе фанҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ (бо нигаҳдошти асолати миллии маводи таълимӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ | Доимӣ | Раёсатҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ | |
| 15. | Таъсиси гурӯҳҳои таълимашон ба забони русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ | Доимӣ | Раёсатҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ | |
| 16. | Ташкили таҷрибаи нутқи шифоҳӣ барои хатмкунандагони ихтисосҳои омӯзгорӣ ва тарҷумонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (аз забонҳои русӣ ва англисӣ) | 2021-2030 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | |
| 17. | Нашри луғат ва муховараҳо (Ҷадвали 6) ва дар шабакаи Интернет ҷой намудани онҳо | 2021-2030 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | |
| 18. | Таҳия ва нашри дастурҳои таълимӣ (роҳнамои омӯзгор) барои китобҳои дарсӣ аз забонҳои русӣ ва англисӣ (Ҷадвали 7) | 2021-2030 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф | |
| 19. | Таҳия ва нашри барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, маводи дидактикӣ ва ғайра барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, зинаҳои умумӣ, ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва докторантура аз рӯи ихтисос (Ҷадвали 8) | 2021-2030 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | |
| 20. | Таҳия ва нашри маводи таълимӣ | 2021-2030 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф | |
| 21. | Таҳияи барномаҳои электронӣ, маводи мултимедиявӣ аз фанҳои забони русӣ ва англисӣ барои муассисаҳои таълимӣ. Татбиқи технологияи инноватсионӣ ва методу усулҳои муосири таълими забони русӣ ва англисӣ | 2021-2030 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | |
| 22. | Муҷаҳҳаз намудани кабинетҳои лингафонӣ ва харидории маводи аудиовизуалӣ дар муассисаҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳси- | 2021-2030 | Раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, муассисаҳои таҳси- | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | лот | | лоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ | |
| 23. | Омода намудани дарсҳои намунавии телевизионӣ аз фанҳои забони русӣ ва англисӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | Доимӣ | Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагӣ, Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо | |
| 24. | Такмили пояи моддӣ-техникӣ ва кадрии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки омӯзгорон ва тарҷумонҳои забонҳои русӣ ва англисӣ омода мекунанд | 2021-2030 | Раёсатҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | |
| 25. | Такмили пояи моддӣ-техникӣ ва кадрии Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ барои муассисаҳои таълимӣ аз фанҳои забони русӣ ва англисӣ дар назди Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия | 2021-2030 | Муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ, Донишгоҳи (славянӣ) Тоҷикистон - Россия | |
| 26. | Ташкили марказҳои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ | 2021-2030 | Раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ | |
| 27. | Ташкили курсҳои кутоҳмуддати касбҳои коргарӣ бо омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ | 2021-2030 | Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ | |
| 28. | Ташкили курсҳои такмили ихтисос барои кормандони ВАО бо омӯзиши амиқи забонҳои русӣ ва англисӣ ва санъати суханварӣ | 2021-2030 | Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | |
| 29. | Такмили заминаи моддӣ-техникӣ ва кадрии маҷаллаи «Забон ва адабиёти рус дар мактабҳои Тоҷикистон» | 2021-2030 | Маҷаллаи «Забон ва адабиёти рус дар мактабҳои Тоҷикистон» | |
| 30. | Таъсиси маҷаллаи «Забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои Тоҷикистон» ва ба номгӯи маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ворид кардани он | 2021 | | |
| 31. | Таҳқиқи масъалаҳои мубрами таълими забони русӣ ва англисӣ | 2021-2030 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Па- | |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br><br>а) Масъалаи робитаи забон ва фарҳанг, таҳқиқи забоншиносию фарҳангшиносӣ ва забоншиносию минтақашиносии масъала;<br><br>б) масъалаи таълими коммуникативӣ ва ташаккули фардии шахсият дар омӯзиши забони русӣ ва англисӣ;<br><br>в) таҳқиқоти муқоисавӣ-типологӣ дар самти забоншиносии тоҷикӣ ва русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ, русӣ ва англисӣ;<br><br>г) ташаккули дузабонӣ ва бисёрзабонии фаъол ва бовусъат дар фазои забономӯзии Тоҷикистон;<br><br>д) методикаи таълими забони русӣ ва англисӣ;<br><br>е) муносибати босалоҳият ба таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот;<br><br>ж) таҳқиқи масъалаҳои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ тавассути матнҳои гуногунжанр ва аз рӯи ихтисоси таълимгирандагон;<br><br>з) масъалаҳои таълими забонҳои русӣ ва англисӣ тибқи сатҳи забондонии таълимгирандагон | | Пажӯҳишгоҳи рушди маориф | |
| 32. | Бастани шартномаҳои байналмилалӣ бо мақсади таҳсили хонандагон, донишҷӯён ва магистрҳои муассисаҳои таълимӣ дар заминаи муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар, иштироки аспирантон, докторантҳо аз рӯи ихтисос, докторантҳо ва постдокторантон ва мутахассисони соҳаи забони русӣ ва англисӣ дар кори конференсияҳои байналмилалӣ, симпозиумҳо, семинарҳо, олимпиадаҳои хонандагон ва донишҷӯён аз фанни забони русӣ ва англисӣ, ҳамчунин чорабиниҳои дигари минтақавӣ ва ҷаҳонӣ | 2021-2030 | Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 33. | Дар амал тадбиқ намудани табодули омӯзгорон ва донишҷӯён бо мамлакатҳои хориҷи кишвар | 2021-2030 | Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ | |
| 34. | Иштироки олимон ва мутахассисони соҳаи забонҳои русӣ ва англисӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар барномаҳои байналмилалӣ доир ба масъалаҳои таҳсилот тавассути ҳамкорӣ бо созмону ташкилотҳои байналмилалии дар Тоҷикистон фаъолияткунанда | Доимӣ | Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | |
| 35. | Гузаронидани таҳқиқоти муштараки байналмилалии илмӣ-методӣ дар соҳаи методикаи таълими забонҳои русӣ ва англисӣ | Доимӣ | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | |